# Тавсияњои Осло оид ба њуќуќњои забонии аќаллиятњои миллї ва Эзоњнома

Феврали соли 1998

# Тавсияњои Осло оид ба њуќуќњои забонии аќаллиятњои миллї ва Эзоњнома

Феврали соли 1998

Марњамат њангоми нусхабардории маълумоте аз ин китоб худро озод њис кунед; аз истинод ба сарчашма сипосгузорем. Нусхаи аслии китоб бо забони англисї аз тарафи Бунёди равобити байни-этникї тањия ва нашр шудааст. ISBN 90 – 7598904 – 0

Барои маълумоти иловагї ба суроѓаи зерин мурољиат намоед:

Бахши Барномањо
Идораи Комиссари Олї оиди масоили аќаллиятњои миллї
Pinsessegracht 22 2514 AP Гаага
Телефон: + 31 (0) 70 312 5500
Факс: +31 (0) 70 363 5910
E-mail: hcnm@hcnm.org
www.osce.org/hcnm/

# САРСУХАН

Дар Ҳукмномаи Хелсинки, ки июли соли 1992 қабул шуда буд, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) вазифаи Коммисари Олӣ оид ба масоили аққалиятҳои миллиро таъсис дод, ки он бояд «воситаи пешгирии мухолифатҳо дар марҳилаи, ба қадри имкон аввалин» гардад. Ин ваколатнома бештар ҳамчун аксуламал ба вазъияти дар собиқ Югославия ба амал омада таъсис дода шуд, ки ин вазъият хатари дар Аврупо паҳн шуданро дошт, алалхусус дар байни давлатҳое, ки ба сохти демократӣ гузашта истода буданд. Он метавонист умедҳои ба даст овардани сулҳ ва ободиеро, ки дар Оинномаи (Хартияи) Париж барои Аврупои Нав инъикос ёфта, аз тарафи Сарони Давлат ва Ҳукуматҳо ноябри соли 1990 қабул шудаанд, барбод диҳад.

1-уми январи соли 1993 ҷаноби Макс Ван Дер Стул ба ҳайси якум Комиссари Олии САҲА оид ба масоили ақаллиятҳои миллӣ (КОАМ) вазифа ба дӯш гирифт. Ба таҷрибаҳои муҳими шахсиаш ҳамчун собиқ аъзои парлумон ва Вазири корҳои хориҷии Голландия, Намояндаи Доимӣ дар СММ ва ҳомии ҳуқуқҳои инсон такя карда, ҷаноби Ван Дер Стул диққаташро ба муҳосибаҳои сершумори байни ақаллиятҳо ва ҳокимиятҳои марказӣ дар Аврупо ба миён омада равон мекард, ки аз нуқтаи назари ӯ хавфи тезу тунд шуданро доштанд. КОАМ, эҳтиёткорона, воситаҳои дипломатиро ба кор бурда, фаъолияти худро дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла: Албания, Хорватия, Эстония, Маҷористон, Қазоқистон, Қирғизистон, Латвия, собиқ Ҷумҳурии Югославии Македония, Руминия, Словакия ва Украина ба амал мебарорад. Ӯ сараввал диққати худро ба он вазъиятҳое равона мекунад, ки манфиати гурӯҳҳои миллӣ ё этникие, ки аксариятро дар як Давлат ва ақаллиятро дар Давлати дигар (одатан давлатҳои ҳамсарҳад) ташкил мекунанд ва ҳамин тариқ манфиатҳои ҳукуматдорони ҳар яке аз ин давлатҳоро фаро мегиранд, ки сабаби ташаннуҷи байнидавлатӣ ва ҳатто муқовимат мегарданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин гуна шиддатҳо ба таърихи Аврупо таъсири калон расонидаанд.

Ҳангоми баррасии моҳияти мухолифатҳое, ки ақаллиятҳои миллиро дарбар гирифтаанд, КОАМ ҳамчун тарафи мустақил, беғараз ва омодаи ҳамкорӣ рафтор мекунад. КОАМ механизми назораткунанда набуда меъёрҳои байналмиллалиеро, ки аз тарафи ҳама давлатҳо қабул гардидаанд, ҳамчун асоси таҳлил ва тавсия истифода мебарад. Дар ин бобат ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи ҳамаи давлатҳои иштирокдори САҲА, махсусан ӯҳдадориҳои дар Ҳуҷҷати Копенгаген ифодаёфта, ки дар Конфронси марбути ҳуқуқии инсони

соли 1990 ќабул шуда буд ва дар ќисми 4 он ўњдадорињои марбути аќаллиятњои миллї муфассал дарљ гардидаанд хотиррасон намудан муњим аст. Инчунин ќобили ќайд аст, ки кулли давлатњои САЊА ўњдадорињои Созмони Миллали Муттањид (СММ) оид ба њуќуќњои инсон, аз љумла њуќуќњои аќаллиятњоро ва аксарияти кулли давлатњои САЊА меъёрњои Шўрои Аврупоро низ ба дўш гирифтаанд.

Баъд аз 5 соли кори фаъол, КОАМ ба муайян кардани мушкилињо ва мавзўњои мавриди бањсе, ки дар як ќатор давлатњои доираи фаъолияташ диќќати ўро ба худ љалб карда буданд, муваффаќ гардид. Њуќуќњои забонии аќаллиятњои миллї, њуќуќи намояндагони аќаллиятњои миллї ба истифодаи забони худ дар њаёти хусусї ва љамъиятї, яке аз ин ќазияњо аст. Асноди байналмилалии њуќуќи инсон ин њуќуќро дар як ќатор мавридњо ќайд мекунанд. Аз як тараф забон ќазияи шахсие аст, ки бо айният алоќаи зич дорад. Аз тарафи дигар, забон ин асбоби муњими сохти иљтимої аст, ки дар бисёр мавридњо ањамияти љамъиятї пайдо мекунад. Албатта, истифодаи забон ба якчанд љињатњои фаъолияти давлат алоќа дорад. Дар давлати демократї, ки ўњдадорињои соњаи њуќуќи инсонро иљро мекунад, таъмини шароитњо барои аз байн бурдани фарќияти вуљуддошта, аз ин рў, масъалаи муњими сиёсат ва њуќуќшиносї мегардад. Ба даст оварда натавонистани мувозинати зарурї боиси ба вуљуд омадани ташаннуљи байни-этникї шуда метавонад.

Бо назардошти ин, тобистони соли 1996, КОАМ аз Бунёди Робитањои Байни-этникї хоњиш намуд, ки ба гурўњњои хурди коршиносони шинохтаи байналмилалї бо маќсади гирифтани тавсияњои онњо оиди истифодаи муносиб ва пайдарњами њуќуќњои забонии намояндагони аќаллиятњои миллї дар минтаќаи САЊА мурољиат кунад. Дар натиљаи дархости пешакии шабењи КОАМ **Тавсияњои Гаага оид ба њуќуќњои аќаллиятњои миллї ба тањсил ва Эзоњнома**[1] тањия гардидаанд. Азбаски дар Тавсияњои Гаага масъалаи истифодаи забон ё забонњои аќаллиятњои миллї дар соњаи маориф мавриди баррасии њамаљониба гардидааст, ќарор ќабул шуд, ки ин масъала аз доираи масъалањои мавриди тањлили коршиносон бароварда шавад.

Бунёди оид ба равобити байни-этникї – ташкилоти ѓайридавлатї буда, соли 1993 барои иљрои амалиётњои махсус барои кўмак додан ба КОАМ таъсис дода шуда буд, - як ќатор машваратњои коршиносї аз соњањои гуногуни дахлдор, аз љумла ду машварат дар Гаагаро барпо намуд. Байни коршиносони

[1] Нусхањои Тавсияњои Гаага оиди њуќуќи аќаллиятњои миллї ба тањсил ва Эзоњнома (октябри соли 1966) дар Идораи Комиссари Олии оиди масоили Аќаллиятњои Милли (КОАМ) бо якчанд забон дастрасанд.

дар машварат иштирокдошта аз як тараф, ҳуқуқшиносони мутахассиси ҳуқуқҳои байналмиллалӣ ва аз тарафи дигар забоншиносон, ҳимоятчиён ва сиёсатшиносони таҷрибадори соҳаи кор бо маќом ва ниёзҳои аќаллиятҳо ҳузур доштанд.
Хусусан, коршиносони зерин иштирок доштанд:

> Профессор Гудмундур Алфредсон, Директори Донишгоҳи Раул Валенберг (Шветсия); профессор Асбёрн Эйде, Сармутахассиси Донишгоҳи Норвегия оид ба ҳуқуқи инсон (Норвегия); хонум Анжелита Каменска, Сартадќиќотчии Маркази Латвиягӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва тадќиќотҳои этникӣ (Латвия); ҷаноби Доналд О'Риагэйн, Дабири Кулли Идораи Аврупоии Забонҳои Камистифодашаванда (Ирландия); хонум Беата Слидал, Мушовири Форуми Норвегиягӣ оид ба озодии баён (Норвегия); доктор Мигел Струбел, Директории Донишгоҳи Забоншиносии Иҷтимоии Каталония (Испания); профессор Георги Сепе, Факултаи Забоншиносии Донишгоҳи Янош Панониус (Маҷористон); профессор Патрик Торнберри, Факултаи Ҳуқуқи Донишгоҳи Кил (Бритониёи Кабир); доктор Фернанд де Вареннес, Директори Маркази Осиё-Уќёнуси Ороми ҳуқуқи инсон ва пешгирии мухолифатҳои этникӣ (Австралия); профессор Бруно де Витте, Факултаи Ҳуқуқи Донишгоҳи Маастрихт (Голландия); ҷаноби Жан-Мари Ворлинг, Донишгоҳи ҳуқуқи маҳаллии Элзасс-Мозели Фаронса (Фаронса).

Азбаски меъёрҳои дар соҳаи ҳуқуқи аќаллиятҳо вуҷуддошта ќисми ҳуқуқи инсон мебошанд, ҳадафи асосии ин машваратҳо даъват кардани давлатҳо ба иҷрои ӯҳдадориҳои дар соҳаи ҳуқуқи инсон гирифтаи худ, хусусан баробарӣ ва озодӣ аз табъиз, озодии баён, озодии маҷлис ва ҷамъомадҳо ва инчунин ҳама ҳуқуқу озодиҳои намояндагони аќаллиятҳои миллӣ буд.

Инчунин ќайд шуда буд, ки ҳадафи ниҳоии ҳамаи ҳуқуқҳои инсон тараќќиёти пурра ва озодонаи шахсияти инсон дар шароитҳои баробар аст. Ѓайр аз ин дар назар дошта шуда буд, ки ҷамъияти шаҳрвандӣ бояд кушода ва пурҳаракат бошад ва ҳамин тариќ ќобилияти муттаҳид сохтани ҳамаи одамон, аз ҷумла намояндагони аќаллиятҳои миллиро, дошта бошад. Азбаски забон пеш аз ҳама воситаи мубодилаи афкор аст, ҷиҳати иҷтимоии таҷрибаи инсоният низ ба инобат гирифта шуд.

Дар Тавсияҳои Осло оид ба ҳуқуқҳои забонии аќаллиятҳои миллӣ, ки дар натиҷа таҳия гардидаанд, кӯшиши он ба харҷ дода мешавад, ки ба воситаи

забони нисбатан оддї ба моњияти њуќуќњои забонии аќаллиятњо, ки дар мавриди доираи салоњияти КОАМ истифода мешаванд, равшанї андохта шавад. Илова бар ин, меъёрњо тарзе шарњ дода шудаанд, ки њангоми истифодабарї пайдарњамиашон таъмин мегардад. Тавсияњо ба зерсарлавњањо таќсим шудаанд, ки дар онњо масъалањои марбути забон, ки дар амалия ба миён меоянд, шарњ дода мешавад. Шарњи муфассали тавсияњо дар эзоњнома пешбинї шудааст, ки дар он истиноди муайян ба меъёрњои байналмиллалии дахлдор карда шудааст.

Мураттибон умедворанд, ки ин тавсияњо барои ба танзим даровардани сиёсат ва ќонунњои давлат иттилооти фоиданокро таъмин мекунанд, ки ба истифодаи босамараи њуќуќњои аќаллиятњои миллї, хусусан дар соњаи љамъиятї, мусоидат мекунанд.

Гарчанде, ки ин тавсияњо ба истифодабарии забон аз тарафи намонядагони аќаллиятњои миллї марбутанд, бояд ќайд кард, ки аксарияти ин тавсияњо ва асноди байналмиллалие, ки барои онњо асос гардидаанд, метавонанд барои дигар намудњои аќаллиятњо истифода бурда шаванд. Тавсияњои дар зер овардашуда бо маќсади шарњ додани кулли њуќуќњои мављуда тањия гардидаанд. Онњо њадафи мањдудкунии њуќуќњои шахсе ё гурўњи шахсони дигарро надоранд.

# ТАВСИЯЊОИ ОСЛО ОИД БА ЊУЌУЌЊОИ ЗАБОНИИ АЌАЛЛИЯТЊОИ МИЛЛЇ

## НОМЊО

1) Намояндагони аќаллиятњои миллї њуќуќ доранд номи шахсии худро бо забони худ, мувофиќи урфу одатњо ва маљмўаи забонии худ истифода баранд. Он бояд расман эътироф шуда, аз љониби маќомоти давлатї истифода бурда шаванд.

2) Инчунин, созмонњои хусусї, ба монанди иттињодияњои фарњангї ва муассисањое, ки аз тарафи намояндагони аќаллиятњои миллї таъсис дода мешаванд, бояд барои истифодаи номњояшон њуќуќи зайл дошта бошанд.

3) Дар минтаќањои истиќоматї шумораи зиёди намояндагони аќаллиятњои миллї ва љой доштани ниёзи зиёд, маќомоти њокимияти давлатї бояд чорањое андешанд, ки номњои мањаллї, номњои кўчањо ва дигар ишорањои топографї барои ањолї бо забони аќаллият низ таъмин шаванд.

## ДИН

4) Њар як инсон дар ибодати дини худ алоњида ё бо дигарон њуќуќи истифода бурдани забон(њо)и интихобкардаи худро дорад.

5) Нисбати он маросимњои динї ё њаракатњои ба њолатњои шањрвандї алоќа дошта, ки дар дохили давлати дахлдор таъсири њуќуќї доранд, давлат метавонад талаб кунад, ки сертификат ва њуљљатњои ба чунин њолат алоќа доштаро бо забони расмї ё забонњои давлатї чоп намояд. Давлат метавонад талаб намояд, ки ќайди њолати шањрвандї аз тарафи намояндагони динї бо забони расмї ё забонњои давлатї љараён гирад.

## ЊАЁТИ ГУРЎЊЊОИ АЌАЛЛЇ ВА СОЗМОНЊОИ ЃАЙРИЊУКУМАТЇ

6) Њамаи одамон, аз љумла намояндагони аќаллиятњои миллї, њуќуќи таъсис додан ва идораи иттињодияњо, муассисањо ва ташкилотњои ѓайрињукуматии хусусиашонро доранд. Ин созмонњо метавонанд забони интихобкардаашонро истифода баранд. Давлат наметавонад ин созмонњоро дар асоси забон табъиз дињад ва њуќуќи ин созмонњоро њангоми дарёфт намудани сарчашмањои маблаѓ аз њисоби хазинаи давлат, сарчашмањои байналмиллалї ё сектори хусусї мањдуд созад.

7) Агар давлат фаъолияти соњањои иљтимої, фарњангї ва варзиширо фаъолона дастгир намояд, њиссаи баробари маблаѓи умумї бояд ба дастгирии чунин фаъолияти намояндагони аќаллиятњои миллї низ равона карда шавад. Кўмаки молиявии давлат ба фаъолияте, ки бо забон(њо)и аќаллиятњои миллї дар чунин соњањо сурат мегирад, бояд бе табъиз расонида шавад.

## ВАСОИТИ АХБОРИ УМУМ

8) Намояндагони аќаллиятњои миллї њуќуќи таъсис додан ва таъмин кардани васоити ахбори умум бо забони худро доранд. Танзими давлатии васоити ахбори телевизион ва радиошунавої бояд дар асоси меъёрњои воќеї ва бе бетабъиз сурат гирифта, барои мањдуд кардани њуќуќњои аќаллиятњо истифода бурда нашавад.

9) Ба намояндагони аќаллиятњои миллї сухангўї бо забони худ дар васоити ахборе, ки аз тарафи љамъият маблаѓгузорї мешавад, бояд дастрас бошад. Дар сатњи давлатї, вилоятї ва мањаллї миќдор ва сифати ваќте, ки барои телевизион ва радиошунавонї бо забони аќаллият људо мешавад, бояд ба шумора ва дараљаи зичии аќаллияти миллї, вазъият ва ниёзњои он мувофиќ бошад.

10) Мустаќилияти барномањои васоити ахбори љамъиятї ва хусусї бо забонњои аќаллиятњои миллї бояд њифз карда шавад. Њайатњои тањририяи васоити ахбори љамъиятї, ки мазмун ва тамоюли барномањоро назорат мекунанд, бояд мустаќил бошанд ва

намояндагони аќаллиятҳои миллиро дар бар дошта бошанд, ки мустаќилона адои вазифа мекунанд.

11) Дастрасии васоити ахбори хориљї набояд таври ѓайриќонунї маҳдуд шавад. Чунин дастрасї набояд боиси камшавии ваќти барои барномаҳои аќаллият људошуда дар васоити ахбори љамъиятии давлате гардад, ки дар он аќаллиятҳо истиќомат мекунанд.

## ҲАЁТИ ИЌТИСОДЇ

12) Ҳамаи шахсон, аз љумла намояндагони аќаллиятҳои миллї, ҳуќуќи бо забони худ ё забони интихобкардаашон ба амал баровардани соҳибкории хусусиро доранд. Давлат истифодаи иловагии забони расмї ё забонҳои давлатиро фаќат дар он замоне талаб карда метавонад, ки инро ҳадафҳои ќонунии љамъиятї ба монанди ҳифзи коргарон ё истеъмолкунандагон, ё муносибатҳои байни муассиса ва ҳукумат таќозо дорад.

## МАЌОМОТИ МАЪМУРЇ ВА СОХТОРҲОИ ДАВЛАТЇ

13) Дар минтаќаҳо ва маҳалҳое, ки намонядагони аќаллиятҳои миллї бештар истиќомат мекунанд ва дархост баён шудааст, аќаллияти миллї бояд ҳуќуќи дастрас намудани ҳуљљатҳои шаҳрвандї ва шаҳодатномаҳоро (сертификатҳоро) ҳам бо забон ё забонҳои расмї ва ҳам бо забони аќаллияти миллї аз муассисаҳои расмии маҳаллї ва вилоятї дошта бошад. Инчунин, рўйхатгирии шаҳрвандї дар муассисаҳои расмии маҳаллї ва вилоятї бояд бо забони аќаллияти миллї низ сурат гирад.

14) Намояндагони аќаллиятҳои миллї бояд барои истифодаи забони худ дар муносибатҳо бо маќомоти маъмурї, махсусан дар минтаќаҳо ва маҳалҳое, ки миќдори зиёди намояндагони аќаллияти миллї истиќомат доранд, ва барои он ниёз баён шудааст, имконият дошта бошанд. Айнан ҳамин тариќ, маќомоти маъмурї бояд ба ќадри имкон хизматрасонии давлатиро бо забони аќаллияти миллї низ таъмин кунанд. Барои ин онҳо бояд сиёсат ва барномаҳои ба кор ќабулкунї ва таълимии дахлдорро ба роҳ монанд.

15) Дар минтаќаҳо ва маҳалҳое, ки миќдори зиёди аќаллияти миллї истиќомат дорад, давлат бояд таъмин намояд, ки аъзоёни

интихобгардидаи маќомоти њокимияти давлатии вилоятї ва мањаллї дар фаъолияти ба ин маќомот дахлдор ќобилияти бо забони аќаллияти миллї њарф заданро низ дошта бошанд.

## МУАССИСАЊОИ МИЛЛИИ МУСТАЌИЛ

16) Давлатњое, ки дар онњо намояндагони аќаллиятњои миллї зиндагї мекунанд, бояд илова ба воситањои дахлдори судї имконияти муроїиат кардани онњо ба муассисањои миллии мустал, ба монанди омбудсман ё комиссияњои оиди њуќуќи инсон дар мавриде, ки онњо вайронкунии њуќуќњои забонии худро њис мекунанд, таъмин намоянд.

## МАЌОМОТИ СУДЇ

17) Њамаи шахсон, аз їумла намояндагони аќаллиятњои миллї њуќуќи зуд, бо забони ба онњо шинос, оиди сабаби дастгир шудан ё дар њабс нигоњ дошта шудан, дар бораи моњият ва асоси айбдор шуданашон маълумот гиранд, ва њуќуќи њимояи худро бо ин забон, дар мавриди зарурї бо кўмаки бепули тарїумон пеш аз суд, дар ваќти суд ва дар рафти шикояти касатсионї доранд.

18) Дар минтаќањо ва мањалњое, ки миќдори зиёди намояндагони аќаллияти миллї истиќомат доранд ва барои он ниёз баён шудааст, намояндагони аќаллиятњои миллї њуќуќи бо забони худ, дар мавриди зарурї бо кўмаки бепули тарїумон, дар мурофиањои судї баён намуданро доранд.

19) Дар минтаќањо ва мањалњое, ки миќдори зиёди намояндагони аќаллияти миллї истиќомат доранд ва барои он ниёз баён шудааст, давлатњо бояд ба имконияти бо забони аќаллият гузаронидани њамаи мурофиањои судие, ки ба онњо марбутанд, диќќати їоиз дињанд.

## МАЊРУМИЯТ АЗ ОЗОДЇ

20) Мудири муассисаи ислоњотї ва дигар кормандони муассиса бояд ќобилияти бо забон ё забонњои аксарияти мањбусон, ё забоне ки аксарияти мањбусон мефањманд, сухан ронданро дошта бошад. Барномањои ба хизмат љалбкунї ва омўзишї бояд ба ин маќсад равона карда шаванд. Дар мавриди зарурат бояд тарљумон истифода бурда шавад.

21) Мањбусоне, ки намояндагони аќаллиятњои миллї мебошанд, њуќуќи истифодаи забони интихобкардаи худро њангоми мубодилаи афкор бо мањбусон ва дигаронро доранд. Њукумат бояд ба ќадри имкон чорањоеро андешад, ки ба мањбусон дар чорчубаи ќонун имконияти мубодилаи афкор бо забони худ чи шифоњї ва чи ба воситаи мукотибаи хусусї дода шавад. Аз ин рў, мањбусон ё мањкумшудагон бояд, умуман, дар њабсхонае нигоњ дошта шаванд, ки ба мањалли зисти онњо наздик бошад.

# ЭЗОЊНОМА БА ТАВСИЯЊОИ ОСЛО ОИД БА ЊУЌУЌЊОИ ЗАБОНИИ АЌАЛЛИЯТЊОИ МИЛЛЇ

## МУЌАДДИМАИ УМУМЇ

Дар Моддаи 1 **Эъломии Умумии Њуќуќи Инсон** дар бораи шарафи табиатии њар як инсон њамчун мавњуми асосии њамаи меъёрњои соњаи њуќуќи инсон омадааст. Дар моддаи 1 **Эъломия** омадааст «Тамоми одамон озод ва аз лињози шарафу њуќуќ бо њам баробар ба дунё меоянд…» Ањамияти ин модда наметавон аз будаш зиёд ќадр карда шуд. Он на фаќат ба њуќуќњои умумии инсон тааллуќ дорад, балки яке аз асосњои њуќуќњои забонии намояндагони аќаллиятњои миллиро таъмин менамояд. Баробарї аз лињози шарафу њуќуќ эњтироми айнияти фарди алоњидаро њамчун инсон дар назар дорад. Забон яке аз ќисмњои муњимтарини таркибии айнияти инсон мебошад. Бинобар ин, эњтироми шаъну шарафи инсон бо эњтироми айнияти инсон, ва аз ин рў бо эњтироми забони ў зич алоќаманд аст.

Вобаста ба ин, **Паймони Байналхалќї оид ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ањамияти калон дорад. Дар моддаи дуюми **Паймон** талаб карда мешавад, ки њар як давлати аъзои ин созишнома ўњдадор аст, ки њуќуќњои инсонии њамаи шахсонеро, ки дар њудуди ќаламрави он ва тањти тобеъияти њуќуќии он ќарор доранд, «бидуни ягон тафовут ба монанди… забонї…» таъмин ва эњтиром кунад. Моддаи 19 **Паймон** кафолат додаст, ки њар як инсон ба изњори озодонаи аќидаи худ њаќ дорад, ки он на фаќат њуќуќ ба додан ва гирифтани иттилоот ва афкори гуногун сарфи назар аз марзњои давлатї, балки њуќуќи бурдани ин амалиёт ба восита ё забони интихобшударо дар бар мегирад, расонидан ё ќабул намудани иттилоот инчуин фаъолияти якљояи одамонро дар љамъият дар назар дорад. Дар ин ќарина, моддањои 21 ва 22 **Паймон**, ки озодии љамъомад ва иттињодияњои осоиштаро кафолат медињанд, махсусан бомавриданд.

Ба монанди ин, дар Аврупо озодии баён, ки дар моддаи 10 **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** пешбинї шудааст, бояд мувофиќи моддаи 14 њамин созишнома «бе њељ гуна табъиз ва асос аз ќабили…забон…, кафолат дода мешавад». **Эъломияи озодии баён ва**

**иттилоот**, ки аз тарафи **Шӯрои Аврупо** ќабул шудааст, бо истинод њам ба **Эъломияи умумии њуќуќи инсон** даъво мекунад, ки «озодии баён ва иттилоот барои рушди иљтимоӣ, иќтисодӣ, маданӣ ва сиёсии њар як шахс зарур аст ва шарти пешравии мутаносиби гурӯњњои иљтимоӣ ва маданӣ, миллатњо ва љомеаи байналмиллалиро таъмин мекунад». Аз њамин лињоз, озодии љамъомад ва иттињодияњои осоишта, ки дар моддаи 11 **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** кафолат дода шудаанд, муњим аст.

Мувофиќи меъёрњои Созмони Амният ва њамкорӣ дар Аврупо (САЊА) чунин ѓояњои асосии оиди озодии баён, љамъомад ва иттињодия дар бандњои 9.1-9.3 **Њуљљати Машварати Копенгагени Конфронси оиди меъёрњои њуќуќи инсони Машварати Амният ва Њамкорӣ дар Аврупо (МАЊА)** оварда шудаанд.

Дар **Оинномаи (Хартияи) Париж барои Аврупои Нав**, сарони давлат ва њукумати давлатњои узви САЊА «тасдиќ мекунанд, ки њар як шахс ба озодии баён, озодии љамъомад ва иттињодияи осоишта бе табъиз њуќуќ дорад…»

Моддаи 27 **Паймони Байналхалќӣ доир ба њуќуќњои шањрвандӣ ва сиёсӣ** шарти муњими дигарест, ки ба њуќуќњои забонии аќќалиятњои миллӣ бевосита вобастагӣ дорад. Дар он гуфта шудааст, ки «намояндагони аќаллиятњои … набояд аз њуќуќи якљоя бо дигар аъзоёни гурӯњи худ аз … истифода намудани забони худ мањрум шаванд».

Ба ин монанд дар моддаи 2(1) **Эъломияи СММ оид ба њуќуќњои шахсоне, ки ба аќаллиятњои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ тааллуќ доранд** омадааст, ки намонядагони аќаллиятњои миллӣ «њуќуќи истифодаи забони худро, чӣ дар њаёти хусусӣ, ва чӣ дар њаёти љамъиятӣ, озодона ва бе ягон мамониат ё табъиз доранд». Дар Моддаи 10(1) **Муоњидаи Меъёрии Шӯрои Аврупо оиди њифзи аќаллиятњои миллӣ** гуфта шудааст, ки Давлатњо бояд њуќуќњои намояндагони аќаллиятњои миллиро «ба озодона бе ягон мамониат забони аќаллиятии худро њам шифоњӣ ва њам хаттӣ, дар њаёти хусусӣ ва љамъиятӣ истифода бурдан» эътироф намоянд.

Бо вуљуди он, ки ин аснод ба истифодаи забонњои аќаллиятњои миллӣ њам дар њаёти хусусӣ ва њам дар њаёти љамъиятӣ тааллуќ доранд, айнан њамин аснод соњаи «љамъиятиро» ба соњаи «хусусӣ» муќобил намегузорад. Дар асл соњањо метавонанд ќисман мувофиќ оянд. Ин метавонад дар њолате љараён гирад, ки

масалан, шахсон дар алоњидагї ё дар якљоягї бо дигарон барои таъсис додани мактабњо ё васоити ахбори хусусиашон кўшиш мекунанд. Он чизе, ки аввал њамчун ташаббуси хусусї ба амал меояд, метавонад мавриди манфиати ќонунии омма гардад. Ин гуна манфиат метавонад сабаби пайдо шудани муќаррароти љамъиятие шавад.

Истифодаи забони аќаллиятњо «дар њаёти љамъиятї ва хусусї» аз тарафи намояндагони аќаллиятњои миллї бе истинод ба маориф баррасї шуда наметавонад. Масъалањои маълумот ба дараљае, ки онњо ба забонњои намояндагони аќаллиятњои миллї марбутанд, дар Тавсияњои Гаага оид ба њуќуќњои тањсилии аќаллиятњои миллї муфассал маънидод карда шудаанд, ки барои кўмак расонидан ба Комиссари Олии САЊА оид ба масоили аќаллиятњои миллї аз тарафи Бунёди Робитањои Байни-этникї дар њамкорї бо коршиносони дар сатњи байналмиллалї шинохтаи соњањои њуќуќи байналмиллалии инсон ва маориф тањия гардидаанд. Тавсияњои Гаага бо маќсади фањмиши дурусти асноди байналмилалие, ки ба њуќуќњои намояндагони аќаллиятњои миллї дар ин соња тааллуќ доранд, ки он барои нигоњдорї ва рушди айнияти намояндагони аќаллиятњои миллї муњим аст, тањия гардидаанд.

Њуљљатњои байналмиллалии њуќуќи инсон пешбинї мекунанд, ки њуќуќњои инсон умумї мебошанд ва якзайл ва бетабъиз истифода бурда мешаванд. Аммо аксарияти њуќуќњои инсон мутлаќ нестанд. Њуљљатњо шумораи мањдуди вазъиятњоеро пешбинї мекунанд, ки дар онњо мањдудкунии баъзе њуќуќњо аз тарафи Давлатњо асоснок дониста мешавад. Мањдудкуние, ки аз тарфаи њуќуќи байналмиллалї дар соњаи њуќуќи инсон иљозат дода шудааст, метавонад дар вазъиятњои фавќулоддаи ба њаёт тањдидовар ва дар вазъиятњое, ки тањдид ба њуќуќ ва озодии дигарон доранд ё дар вазъиятњои ба маънавиёти омма, тандурустии омма, амнияти миллї ва некуањволии умумї дар љамъияти демократї[2] тањдидовар истифода бурда мешавад. Мањдудкунињои озодињо дар соњаи њуќуќњои инсони њуќуќшиносї бояд то андозае мањдуд шаванд.

Њуќуќњои намояндагони аќаллиятњои миллї ба истифодаи забони худ дар њаёти љамъиятї ва хусусї, ки дар Тавсияњои Осло оиди њуќуќњои забонии аќаллиятњои миллї баён ва тањия шудаанд, бояд ба маънои иштироки пурра

[2] Мањдудиятњои дар боло зикршуда дар муќаррароти зерин пешбинї шудаанд:
Моддаи 30 Эъломияи Умумии Хуќуќи Башар
Моддаи 19(3) Паймони Байналхалќї доир ба Њуќуќњои Шањрванди ва Сиёсї
Моддаи 10(2) Муоњидаи Аврупо оиди Њифзи Њуќуќ ва Озодињои Асосии Инсон

дар љамъият баррасї шаванд. Тавсияњо нуќтаи назареро пешнињод мекунанд, ки на боиси људокунї, балки боиси мувозинат байни њуќуќи намояндагони аќаллиятњои миллї ба нигањдорї ва риволљ додани айният, фарњанг ва забони худ ва зарурати кафолат додани имконияти шомил шудани онњо ба љамъияти васеъ њамчун аъзоёни комил ва баробарњуќуќ мегардад. Аз ин нуќтаи назар, ин гуна шомилшавї бе дониши хуби забон(њо)и расмии давлат аз имкон берун аст. Ин гуна таълим дар моддањои 13 ва 14 **Паймони Байналхалќии доир ба њуќуќњои иќтисодї, иљтимої ва фарњангї** ва моддањои 28 ва 29-и **Ањдномаи оиди њуќуќњои кўдак** тавсия шудааст, ки њуќуќи маълумотгириро пешнињод мекунанд ва Давлатро ўњдадор месозанд то тањсилро њатмї гардонад. Баробари он, моддаи 14(3) **Муоњидаи Меъёрии Шўрои Аврупо оиди њифзи аќаллалияти миллї** таъкид менамояд, ки таълими забони аќаллият «бе мањдудкунии омўхтани забони расмї ё таълимдињї бо ин забон сурат гирад».

## НОМЊО

1) Дар Моддаи 11(1) **Муоњидаи Меъёрии Шўрои Аврупо оиди њифзи аќаллиятњои миллї** пешбинї шудааст, ки намояндагони аќаллиятњои миллї ба истифода бурдани номи худ, номи падар ва насаб бо забони худ њуќуќ доранд. Ин њуќуќ, ки истифодаи он барои айнияти шахсї муњим аст, бояд бо назардошти вазъияту шароитњои хоси њар як давлат истифода бурда шавад. Масалан истифода бурдани тарзи навишти забон(њо)и расмии давлат аз тарафаи маќомоти њокимияти давлатї барои сабти номњои намояндагони аќаллиятњои миллї дар шакли фонетикии онњо, ќобили ќабул аст. Аммо ин бояд мувофиќи системаи забон ва анъанаи аќаллияти миллии дахлдор сурат гирад. Бо назардошти ин њуќуќи асосие, ки њам ба забон ва њам ба айнияти њар як фард алоќаи зич дорад, шахсоне, ки аз тарафи маќомоти њокимияти давлатї маљбур карда шуданд, ки аз номњои аслї ва аљдодї даст кашанд ё номњояшон бе розигии онњо иваз карда шудаанд, бояд њуќуќи бе ягон харољот баргардонидани номњоро дошта бошанд.

2) Номњо унсури муњими айнияти умумї мебошанд, махсусан дар вобастагї ба намояндагони аќаллиятњои миллї, ки «дар љамоат» амал мекунанд. Дар моддаи 2(1) **Эъломияи СММ оид ба њуќуќњои шахсоне, ки ба аќаллиятњои миллї ё этникї, динї ва забонї таалуќ**

**доранд**, њуќуќи намояндагони аќаллиятњои миллї «ба истифодаи забони худ дар њаёти хусусї ва љамъиятї, озодона, бе мамоният ва ягон намуди табъиз» эълон карда мешавад. Дар моддаи 10(1) **Муоњидаи Меъёрии Шўрои Аврупо оиди њифзи аќаллиятњои миллї** пешбинї шудааст, ки Давлатњо «њуќуќњои намояндагони аќаллиятњои миллиро ба озод ва бе ягон мамоният истифода бурдани забони аќаллиятии худро дар њаёти шахсї ва љамъиятї ба товри шифоњї ва хаттї эътироф мекунанд». Дар моддаи 27 **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** эълон карда мешавад, ки «аќаллиятњои… миллї, аз њуќуќи якљоя бо дигар аъзоёни гурўњи худ истифода намудани … забони модарї мањрум шуда наметавонанд». Њуќуќи инсон барои истифода намудани забони худ дар љамъият, дар якљоягї бо дигарон ва бе ягон мамоният ё ягон намуди табъиз ин нишонаи равшани он аст, ки шахсони њуќуќї ба монанди муассисањо, иттињодияњо ва ташкилотњо ё корхонањои аз тарафи намояндагони аќаллиятњои миллї таъсис дода ва идорашаванда њуќуќи гирифтани номи интихобкардаашон ба забони аќаллияти худро доранд. Ин гуна номи иттињодиявї бояд аз тарафи маќомоти њокимияти давлатї эътироф карда шаванд ва мувофиќи системаи забонї ва анъанањои гурўњи дахлдор истифода бурда шавад.

3) Дар моддаи 11(3) **Муоњидаи Меъёрї** омадааст, ки «дар минтаќањои истиќомати анъанавї миќдори зиёди намояндагони аќаллиятњои миллї, Љонибњо бояд кўшиш кунанд, ки дар мавриди ба миён омадани зарурат, номњои аънавии мањаллї, номњои кўчањо ва дигар нишонињои топографии барои халќ пешбинишударо дар забони аќаллият низ гузоранд». Эътироф накардани ќонунияти номгузории таърихии зикршуда метавонад маънои кўшиши аз нав дида баромадани таърих ва аз худ кардани (ассимилятсияи) аќаллиятњоро пайдо кунад ва њамин тариќ ба айнияти намояндагони аќаллиятњо тањдиди љиддї дониста шавад.

## ДИН

4) Дар моддаи 27 **Паймони Байналмиллалї оид ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** омадааст, ки «дар давлатњое, ки дар онњо аќаллиятњои этникї, динї ва забонї мављуданд, њуќуќи шахсонеро, ки ба чунин аќаллиятњо таалluќ доранд, дар якљоягї бо дигар аъзоёни

њамон гурўњ… пайравї кардан ба дини худ ва ба амал баровардани маросимњои он, њамчунин истифода бурдан аз забони модарї сарфи назар кардан мумкин нест». Дар моддаи 3(1) **Эъломияи СММ оид ба њуќуќњои шахсоне, ки ба аќаллиятњои миллї ё этникї, динї ва забонї тааллуќ доранд**, омадааст, ки «намояндагони аќаллиятњои миллї метавонанд аз њуќуќњояшон … њам дар алоњидагї ва њам дар якљоягї бо дигар аъзоёни гурўњи худ бе ягон намуди табъиз бањраманд шаванд».

Эътиќоди динї ва ибодати он «дар љамоат» барои намояндагони зиёди аќаллиятњои миллї масъалаи хеле муњим аст. Дар ин муносибат ќобили зикр аст, ки њуќуќи инсон ба дини худ бењудуд аст ва дар моддаи 18(1) **Паймони Байналхалќїдоир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ва моддаи 9(1) **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** кафолат дода шудааст. Аммо озодии пайравї кардани дин ва эътиќод ба дини худ аз љумла ибодати љамъиятии он ба як ќатор мањдудиятњои дар бандњои иловагии ин модањо номбаршуда, дучор мешавад. Ин мањдудиятњо бояд дар ќонугузорї муќаррар шаванд ва ба њифзи амният, тартибот, тандурустї, маънавиёти љамъиятї ва ба њифзи њуќуќњо ва озодињои асосии дигарон равона карда шаванд. Онњо бояд асоснок ва ба њадафњои гузошташуда мутаносиб бошанд ва Давлатњо набояд онњоро барои пахш кардани ниёзњои ќонунии рўњї, забонї ё фарњангии намояндагони аќаллиятњои миллї истифода баранд.

Пайравии дин дар муњити аќаллиятњо, одатан бо нигоњдории айнияти забонї ва фарњангї зич алоќманд аст. Њуќуќи истифодаи забони аќаллият њангоми ибодати оммавї, монанди њуќуќи таъсис додани муассисањои динї ва хусусан њуќуќи ибодати оммавї, дахлнопазир аст. Аз ин рў маќомоти њокимияти давлатї њаќ надоранд чи ба ибодати оммавї ва чи ба истифодаи ягон забон њангоми ибодати оммавї, сарфи назар аз забони модарии аќаллияти миллї ё забони ибодатии ин гурўњ будани он, монеасозї кунанд.

5) Маъракањои динї ба монанди маросимњои тўї ё дафн, ки дар баъзе мамлакатњо њолати шањрвандиро муќаррар мекунанд, метавонанд фаъолияти ќонунии шањрвандї њисобида шаванд. Дар ин маврид, бояд манфиатњои љамъиятї ба назар гирифта шаванд. Бо назардошти

принсипе, ки њадафњои маъмурї набояд бар зидди њуќуќњои инсон равона карда шаванд, маќомоти њокимияти давлатї набояд ба гурўњњои динї ягон мањдудияти забониро љорї намоянд. Ин бояд ба кулли вазифањои маъмурие, ки гурўњњои динї ба зимма мегиранд ва онњое, ки ба доираи ваколатњои шањрвандї мувофиќат мекунанд, дар њаљми баробар истифода шавад. Вале Давлат њуќуќ дорад, ки аз гурўњи дини намояндагони аќаллиятњои миллї сабти њолати ќонунии шањрвандиро ба забон ё забонњои расмї низ талаб намояд, то ки Давлат тавонад вазифањои ќонунии танзимкунанда ва маъмурии худро иљро намояд.

## ЊАЁТИ ГУРЎЊЊОИ АЌАЛЛИЯТЊО ВА СОЗМОНЊОИ ЃАЙРИЊУКУМАТЇ

6) Њаёти якљояи намояндагони аќаллиятњои миллї, амалияётњои онњо «дар љамоат» чи тавре, ки дар асноди байналмиллалї ќайд шудааст, дар амалиёти сершумор ва соњањои фаъолият зоњир мегардад. Яке аз онњо фаъолияти созмонњои ѓайрињукуматї, иттињодияњо ва муассисањояшон мебошад, ки барои нигоњдорї ва рушду равнаќи аминияти онњо одатан муњим аст ва умуман ба тараќќиёти љамъияти шањрвандї ва арзишњои демократї дар давлатњо мусоидат мекунад.

Дар моддаи 21 ва 22 **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ва моддаи 11 **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** њуќуќи одамон ба љамъомадњои осоишта ва озодии иттињодия кафолат дода шудааст. Њуќуќи шахсон ба амал кардан «дар љамоат» бо дигар аъзоёни гурўњашон – њуќуќи таъсис намудан ва идора кардани созмонњои ѓайрињукуматї, иттињодияву массисањо – яке аз аломатњои љомеаи кушода ва демократї мебошад. Дар Моддаи 27 њамин **Паймон** тасдиќ шудааст, ки «намояндагони аќаллиятњои … набояд аз њуќуќи якљоя бо дигар аъзоёни њамон гурўњ истифода бурдани … забони модарї мањрум шаванд». Аз ин рў одатан маќомоти њокимияти давлатї набояд ба корњои дохилии чунин созмонњои «дар љомеа амалкунанда» дахолат намоянд, инчунин онњо набояд нисбати онњо ягон мањдудиятро љорї намоянд, ѓайр аз онњое, ки ба онњо мувофиќи њуќуќи байналмиллалї иљозат дода шудааст. Моддаи 17(2) **Муоњидаи Меъёрии Шўрои Аврупо оиди њифзи аќаллиятњои миллї** инчунин Давлатњоро барои «халалдор нашудан ба њуќуќи намояндагони аќаллиятњои миллї ба

иштироки онњо дар фаъолияти созмонњои ѓайрињукуматї, њам дар сатњи миллї ва њам дар сатњи баналмиллалї» даъват мекунад.

Моддаи 2(1) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** талаб мекунад, ки њар як давлат ўњдадории «кафолати њуќуќњои њамаи шахсони дар њудуди ќаламрави он буда ва тањти тобеияти њуќуќии он ќарордошта, ки дар њамин Паймон эътироф шудаанд, бидуни ягон фарќият, аз љумла … забонї…, ба зимма гирад». Мувофиќи ин меъёр давлатњо наметавонанд созмонњои ѓайрињукуматиро дар асоси забон тањќир намоянд ва ягон талаботи беасоси забониро љорї намоянд. Дар баробари ин, маќомоти њокимияти давлатї метавонанд аз ин созмонњо, иттињодияњо ва муассисањо талаб намоянд, ки ба талаботи ќонунгузории дохилї ба хотири манфиати љамъятї љавобгў бошанд, аз љумла истифодаи забон(њо)и расмии Давлат дар њолатњои пайдоиши зарурати њамкорї бо маќомоти њокимияти давлатї.

Оиди маблаѓ боби 32.2 **Њуљљати Копенгаген** муќаррар намудааст, ки намояндагони аќаллиятњои миллї њуќуќ доранд «муассисањои хусусии тањсилотї, фарњангї ва динї, созмонњо ё иттињодияњоеро таъсис ва таъмин намоянд, ки метавонанд кўмаки башардўстона ва дигар сањмияњо, инчунин таъминоти давлатиро мувофиќи ќонунгузории миллї биљўянд». Њамин тариќ Давлатњо набояд ба ин созмонњо дар љўстуљуи сарчашмањои молиявї чї аз хазинаи Давлат ва чї аз сарчашмањои байналмиллалї ва инчунин аз сохторњои хусусї халал расонанд.

7) Дар бобати таъминоти молиявии давлатии амалиёти созмонњои ѓайрињукуматї дар соњаи иљтимоїї, фарњангї, варзишї ва соњањои дигар, принсипњои баробарї ва роњ надодани табъиз талаб мекунанд, ки маќомоти њокимияти давлатї њиссаи мувофиќи маблаѓро барои гузаронидани чунин амалиёт бо забони аќаллиятњои миллие, ки дар њудуди ќаламравашон зиндагї мекунанд, таъмин намоянд. Дар моддаи 2(1) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ќайд карда мешавад, ки дар муносибат бо шахсони алоњида на фаќат ба фарќият дар асоси забон роњ дода нашавад, балки дар моддаи 2(2) он шарт гузошта шудааст, ки «Давлатњо ўњдадор мешаванд, ки … барои ќабули он асноди ќонунгузорї ё дигар тадбирњое, ки метавонанд љињати амалї намудани њуќуќи дар њамин Паймон эътирофшуда

зарур дониста шаванд, чорањои зарурї андешанд». Дар моддаи 2(2) **Паймони Байналхалќї доир ба барњам додани табъизи нажодї** (ки барои барњам додани њама гуна фарќият, истисно, мањдудият ё афзалият дар асоси нажод, ранги пўст, аслу насаб, баромади миллї ё этникї равона шудааст) пешбинї намудааст, ки «Давлатњо дар њолати зарурї бояд дар соњањои иљтимої, иќтисодї, фарњангї ва соњањои дигар тадбирњои махсус ва конкретиро барои кафолат додани тараќќиёти мувофиќ ё муњофизати гурўњњои нажодии муайян ё шахсиатњои ба онњо тааллуќдоштаро бо маќсади ба онњо кафолат додани пурра ва баробари њуќуќ ва озодињои инсон ќабул кунанд». Азбаски бештар забон хусусияти муайянкунандаи мансубияти этникї мебошад, гурўњњои аќаллияти забонї ба бањраманд шудан аз ин «тадбирњои махсус ва конкретї» њуќуќ дошта метавонанд.

Дар миќёси Аврупо, боби 31 **Њуљљати Копегаген** муќаррар намудааст, ки «Давлатњо дар њолати зарурї тадбирњои махсусро барои таъмин намудани баробарии комили намояндагони аќаллиятњои миллї бо шањрвандони дигар дар истифодаи њуќуќ ва озодињои аслии худ ќабул намоянд». Дар банди 2 моддаи 4 **Муоњидаи Меъёрии Шўрои Аврупо оиди њифзи аќаллиятњои миллї** муќаррар шудааст, ки «Давлатњо дар њолатњои зарурї тадбирњои дахлдорро барои фароњам овардани баробарии комил ва воќеии намояндагони аќаллиятњои миллї бо шахсони ба аксариятњои миллї тааллуќдошта дар кулли соњањои њаёти иќтисодї, љамъиятї, сиёсї ва фарњангии кишвар, ќабул намоянд»; дар банди 3 њамин модда гуфта шудааст, ки ин «тадбирњое, ки мувофиќи банди 2 ќабул шудаанд, њамчун кирдори табъизї њисобида нашаванд». Илова бар ин дар моддаи 7(2) **Оинномаи (Хартияи) Аврупо оиди забонњои минтаќавї ва забонњои аќаллият** муќаррар гардидааст, ки «ќабул намудани тадбирњои махсусе ба манфиати забонњои минтаќавї ё забонњои аќаллият, ки ба фароњам овардани баробарии истифодабарандагони ин забонњо бо ањолии боќимонда равона шудаанд, ё онњое, ки шароитњои махсуси онњоро ба инобат мегиранд, набояд њамчун амали табъизи истифодабарандагони забони аксарият дида шаванд». Аз ин лињоз, маќомоти њокимияти давлатї бояд њиссаи боадолатонаи маблаѓњоро аз хазинаи Давлат барои фаъолияти намояндагони аќаллиятњои миллї дар соњањои марбутаи љамъиятї, фарњангї, варзишї ва ѓайра људо кунад. Чунин дастгирї метавонад ба воситаи

маблағљудокунї, имтиёзњои давлатї ва аз андоз озодкунї ба амал бароварда шавад.

## ВАСОИТИ АХБОРИ УМУМ

8) Моддаи 19 **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї**, ки њуќуќи доштани аќида ва њуќуќи баён намудани онро кафолат медињад, сарчашмаи асосии тавсияњо оиди наќш ва маќоми васоити ахбор дар љомеаи демократї мебошад. Дар мавриде, ки моддаи 19(1) пешбинї кардааст, ки «њар як инсон њаќ дорад аќидањои худро бе дахолат пайравї намояд», Моддаи 19(2) кафолат медињад, ки «њар як шахс ба озодии љустуљў кардан, ба даст овардан ва пањн намудани њама гуна иттилоот ва ѓоя, сарфи назар аз марзњои давлатї, ба таври шифоњї, хаттї, бадеї ё дигар усулњо бо интихоби худ њаќ дорад». Айнан њамин тариќ, дар моддаи 10 **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** њуќуќ ба озодии баён кафолат дода мешавад. Давлатњои узви Шўрои Аврупо дар моддаи 1 **Эъломия оид ба озодии баён ва иттилоот** «тарафдории содиќи худро ба принсипњои озодии баён ва иттилоот њамчун унсури асосии љамъияти деморкатї ва плюралистї» бори дигар тасдиќ намуданд. Аз ин рў, дар њамин њуљљат Давлатњо эълон намуданд, ки «дар соњаи иттилоот онњо њаракат мекунанд, ки … мављудияти гуногунии васеъи васоити ахбори мухтор ва мустаќилро, ки инъикоси рангорангии фикрњо ва аќидањо аст, иљозат медињанд».

Дар Моддаи 9(1) **Муоњидаи Меъёрии Шўрои Аврупо оиди њифзи аќаллиятњои миллї** таври возењ баён шудааст, ки намояндагони аќаллиятњои миллї «барои доштани аќидањо ва гирифтан ва расонидани иттилоот ва аќидањои худ бо забони аќаллият, бидуни мамоният аз тарафи маќомоти њокимияти давлатї ва сарфи назар аз марзњо, озоданд». Давоми њамин муќаррарот Давлатњоро ўњдадор мекунад, ки «кафолат дињанд, то дар чорчўбаи тартиботи њуќуќиашон намояндагони аќаллиятњои миллї дар вобастагї ба дастрасии васоити ахбори умум табъиз нашаванд». Дар моддаи 9(3) **Муоњидаи Меъёрї** пешбинї шудааст, ки Давлатњо «ба намояндагони аќаллиятњои миллї барои таъсис додан ва истифодаи васоити ахбори умумии чопї халадор нашаванд». Њамин муќаррарот талаб мекунад, ки «дар чорчўбаи њуќуќии радиошунавонї ва телевизиони ќонунї онњо (Давлатњо) то

ҳадди имкон кафолат медиҳанд, ки ба намояндагони аќаллиятҳои миллї имконияти таъсис додан ва истифодаи васоити ахбори хусусї дода шавад». Инчунин ќайд кардан зарур аст, ки васоити ахбор метавонанд худ маќомоте бошанд тавре, ки дар боби 32.2 **Ҳуҷҷати Копегаген** пешбинї шудааст, ки он ҳуќуќи намояндагони аќаллиятҳои миллиро барои «таъсис ва таъмин намудани муассисаҳои таълимї, фарҳангї ва динї, созмонҳо ё иттиҳодияҳо… кафолат медиҳад». Гарчанде, ки дар ин меъёр дар бораи васоити ахбор сухани аниќ нарафта бошад ҳам, васоити ахбор дар рушд ва нигоҳ доштани забон, фарҳанг ва айният наќши асосиро мебозанд.

Гарчанде шубҳае нест, ки намояндагони аќаллиятҳои миллї ҳуќуќи таъсис додан ва таъмин намудани ваосити ахбори хусусиро доранд, ин ҳам дуруст аст, ки ин ҳуќуќ мавриди маҳдудиятҳоест, ки ҳам дар асноди байналмиллалї ва ҳам дар талаботҳои ќонунии Давлат оид ба танзими фаъолияти васоити ахбори умум пешбинї шудаанд. Моддаи 9(2) **Муоҳидаи Меъёрї** ба ин равшанї меандозад бо далели он ки озодии баён, ки дар моддаи 9(1) **Муоҳида** оварда шудааст, «Ҷонибҳоро барои талаб кардани литсензия дар асоси бетабъизї ва меъёрҳои воќеї барои таъсиси телевизион ва радиошунавонї ё иттиҳодияҳои синамо халал нарасонад». Дар мавриди асосонок будан ва зарурат барои вайрон кардани ин ҳуќуќ, талаботҳои танзимкунанда истифода шуда наметавонанд.

9) Масъалаи дастрасии васоити ахбори оммаи давлатї бо мавҳуми озодии баён зич алоќаманд аст. Моддаи 9(1) **Муоҳидаи Меъёрї** ќайд кардааст, ки озодии баёни намояндагони аќаллиятҳои миллї инчунин иборат аст аз озодии расонидани иттилоот ё аќидаи худ бо забони аќаллият бидуни мудохилаи маќомоти ҳокимияти давлатї ва афзудааст, ки «намояндагони аќаллиятҳои миллї дар масъалаи дастрасиии васоити иттилоот табъиз карда нашаванд». Моддаи 9(4) **Муоҳидаи Меъёрї** пешбинї намудааст, ки «Тарафҳо бояд чораҳои заруриро барои таъмин намудани дастрасии васоити ахбори омма ба намояндагони аќаллиятҳо ќабул кунанд». Ин маънои онро дорад, ки ба аќаллиятҳои миллие, ки аъзои сершумор доранд, барои суханронї дар радио ва ё телевизиони ҷамъиятї вобаста ба шумораи намояндагони аќаллияти муайян, ваќти муносиб ҷудо карда шавад.

Аммо танњо шумора ва зичии аќаллият наметавонанд меъёри ягонаи муайянкунандаи њаљми ваќти пахши барномаи барои аќаллияти муайян људошаванда њисобида шавад. Дар њолати хурд будани гурўњи аќаллият, барои муайян кардани њаљми ваќти барнома бояд ваќт ва васоитњои њаддулаќалли самараноке ба инобат гирифта шаванд, ки бидуни он аќаллияти хурд имконияти пурмазмун истифода бурдани васоити ахбори умумро надорад.

Ѓайр аз ин, сифати ваќти барои барномањои аќаллият људошуда муаммоест, ки бояд ба тариќи асоснок ва бетаъбиз њалли худро ёбад. Ваќти барои барномањои ба забони аќаллият људошуда бояд ба намояндагони аќаллиятњои миллї имконият дињад, ки онњо аз барномањо бо забони худ ба таври кофї бањраманд шаванд. Аз ин лињоз, маќомоти њокимияти давлатї бояд пахши ин барномањоро дар ваќти муносиби рўз таъмин намоянд.

10) Дар љомеаи кушоду демократї мазмуни барномањои васоити иттилоот набояд аз тарафи маќомоти њокимияти давлатї аз њад зиёд ба низом (сензура) дароварда шавад. Дар ин муносибат озодии баён, ки дар моддаи 19(1) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ва моддаи 10(1) **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** кафолат дода шудааст, муњим аст. Њар мањдудияте, ки аз тарафи маќомоти њокимияти давлатї гузошта мешавад, бояд бо моддаи 19(3) **Ањднома** мувофиќат карда шавад, ки дар он пешбинї шудааст, ки мањдудиятњо бояд чунин бошанд, ки «дар ќонунгузорї пешбинї шудаанд ва а) барои эњтироми њуќуќ ва обрўи шахсони дигар б) барои њифзи амнияти миллї ё тартиботи оммавї, ё саломатї ва маънавиёти омма заруранд». Моддаи 10(2) **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** низ мањдудиятњои дахолати маќомоти њокимияти давлатї ба истифодабарии њуќуќи озодии баёни ќариб ба ин монандро муќаррар намудааст.

Васоитњои кафолати он бояд љорї шаванд, ки барномањои васоити иттилооти љамъиятї, ки аќаллиятњои миллї тањия намудаанд ё аз номи онњо тањия шудаанд, манфиат ва хоњишњои аъзоёни гурўњро инъикос кунанд ва аз тарафи онњо мустаќил њисобида шаванд. Дар ин муносибат иштироки намояндагони аќаллиятњои миллї (дар њайси

шахсони хусусї) дар рафти тањрири барномањо барои кафолати мустаќилияти васоити иттилоот ва љавобгў будани онњо ба талаботњои гурўњњое, ки ин шахсон ба манфиати онњо амал мекунанд, ањамияти калон дорад.

Мувофиќи Принсипи баробарї ва пешгирии табъиз, муассисањои давлатї бояд намояндагони ањолиеро дарбар гиранд, ки ин хизмат ба онњо равона карда мешавад. Ин ба васоити ахбори љамъиятї низ дахл дорад. Моддаи 15 **Муоњидаи Меъёрї** давлатњоро ўњдадор месозад, ки «шароитњои заруриро барои иштироки воќеии намояндагони аќаллиятњои миллї дар њаёти фарњангї, иљтимої ва иќтисодї, инчунин дар корњои давлатї, хусусан дар онњое, ки ба аќаллиятњо дахл доранд, таъмин намоянд». Моддаи 2 **Муоњидаи №111 Созмони Байналмиллалии Мењнат оиди табъиз њангоми бо кор таъминкунї ва шуѓл** давлатњоро возењтар ўњдадор месозад, ки «сиёсати миллии давлатиеро гузаронанд, ки ба … баробарии имкониятњо ва муносибат њангоми бо кор таъминкунї ва шуѓл бо маќсади барњам додани њама гуна табъиз дар ин муносбат, мусоидат кунад». Љалби бетабъизи намояндагони аќаллиятњои миллї ба кор дар васоити ахбори омма ба намояндагї ва воќеияти васоити иттилоот њиссаи арзанда мегузорад.

11) Мувофиќи рўњияи моддаи 19(2) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ва Моддаи 9(1) **Муоњидаи Меъёрии Шўрои Аврупо оиди њифзи аќаллиятњои миллї** ва принсипи роњ надодани табъиз, дастрасии барномањое ба забони аќалллиятњо, ки аз Давлати дигар ё давлати «њамфарњанг» пахш мешаванд, ба кам кардани ваќти барномањои аќаллияте, ки дар васоити ахбори оммаи Давлате, ки аъзоњояш дар он зиндагї мекунанд, људо шудааст, бањона шуда наметавонад.

Дастрасии шабакаи иттилоотї ва васоити иттилооти бурунмарзї – ќисми таркибии асосии њуќуќ барои иттилоотест, ки дар шароити пешравии зуди техникї ањамияти торафт муњим дорад. Бинобар ин, масалан, њангоми литсензиякунонии пахши кабелї, рад намудани литсензиякунонии телевизион ва радистансияњо аз тарафаи Давлат дар мавриди аниќ баён шудани хоњиши дастрас намудани ин барномањо аз тарафи аќаллияти миллии муайян, ѓайриќонунист. Ин њуќуќ на танњо вобаста ба воситањои иттилооти кабелї, балки ба

шабакаҳои иттилоотии электронӣ бо забони ақаллиятҳои миллӣ низ истифода мешавад.

Дар сатҳи умумӣ, давлатҳо-узви Созмони Аврупо дар моддаи 3(с) **Эъломия оид ба озодии баён ва иттилоот** ба хулосае омаданд, ки «ба озод пахш кардани иттилоот ва ба ҳамин тариқ ба дарки байналмиллалӣ, дониши хуби ақоид ва анъанаҳо, эҳтироми гуногунии нуқтаи назар ва бойгардонии дуҷонибаи фарҳангҳо мусоидат мекунанд». Дар масъалаи мубодилаи бурунмарзии байни васоити ахбор, Давлатҳо бояд сиёсати худро ба рӯҳияи ин муқаррарот ҳамоҳанг созанд.

## ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ

12) Асноди байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқи намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ кам истинод мекунанд. Аммо одатан асноди байналмиллалӣ дорои истинодҳо ба ҳуқуқи намояндагони ақаллиятҳои миллӣ барои истифода бурдани забони худ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ, озодона ва бе ягон гуна табъиз, дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ, танҳо ва бо одамони дигар мебошанд. Моддаи 19(2) **Паймони Байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ** ва моддаи 10(1) **Муоҳидаи Аврупо оиди ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон** озодии баён на танҳо нисбати ғояҳо ва ақидаҳо, ки ба дигарон расонида мешаванд (яъне ба мазмуни мубодилаи афкор), балки нисбати забон, ҳамчун воситаи мубодилаи афкор кафолат медиҳанд. Ин ҳуқуқҳо дар якҷоягӣ бо ҳуқуқ ба баробарӣ ва бетаъбизӣ, ҳуқуқҳои намояндагони ақаллиятҳои миллиро ба соҳибкорӣ ба забони интихобкардаи худ дар назар доранд. Бо назардошти зарурати қобилияти соҳибкорон ба мубодилаи самарноки афкор бо мизоҷони худ ва ба амал баровардани ташаббусҳои худ дар шароитҳои рақобат, ба онҳо дар интихоби озодонаи забон маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ гузошта нашаванд.

Моддаи 11(2) **Муоҳидаи Меъёрӣ** пешбинӣ кардааст, ки «ҳар намояндаи ақаллияти миллӣ ҳуқуқи дар забони ақаллияти худ ҷой кардани лавҳаҳо, навиштаҷот ва дигар ахбори характери хусусидоштаи ба омма намоёнро дорад». Дар **Муоҳидаи Меъёрӣ** ибораи «характери хусусидошта» ба ҳар чизе, ки ғайрирасмӣ аст,

тааллуќ дорад. Бинобар ин, Давлат наметавонад ба интихоби забон барои идораи муассисањои соњибкории хусусї ягон мањдудият љорї намояд.

Бо вуљуди меъёрњои дар боло зикршуда, давлат метавонад талаб намояд, ки забон ё забонњои расмии давлат барои ин соњањои фаъолияти иќтисодї њатман истифода шаванд, ки ба истифодаи њуќуќњо аз тарафи дигарон таъсир мерасонанд ё ки дар онњо мубодила ва тамос ба маќомоти љамъиятї зарур аст. Ин аз мањдудиятњои иљозатдодашуда барои озодии баёни дар моддаи 19(3) **Паймони байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ва дар моддаи 10(2) **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асоси инсон** овардашуда бармеояд. дар он мавриде, ки мањдудиятњои ќобили ќабул метавонанд мањдудиятњоро ба мазмуни мубодилаи афкор љорї намоянд, онњо њељ гоњ истифодаи забонро њамчун воситаи мубодилаи афкор мањдуд карда наметавонанд. Аммо, њифзи њуќуќ ва озодињои дигарон ва талаботњои мањдуди маќомоти њокимияти давлатї метавонанд муќаррароти махсуси оиди истифода бурдани иловагии забон ё забонњои давлатиро асоснок кунанд. Ин дар чунин соњањои фаъолият ба монанди  њолат ва амнияти љои кор, њифзи истеъмолгарон, муносбатњои мењнатї, андозсупорї, њисоботи молиявї, суѓуртаи давлатии саломатї, бекорї ва молкашонї вобаста ба њолатњо, истифода бурда мешавад. Дар асоси манфиати ќонунии љамъиятї, давлат метавонад илова ба истифодаи ягон забони дигар, талаб намояд, ки забон ё забонњои расмии Давлатї дар чунин соњањои фаъолияти тољирї монанди љой кардани лавњањо ва навиштаљот барои љомеа, ки дар боби 60 **Эзоњнома ба Муоњидаи Меъёрии Њифзи аќаллиятњои миллї** таври возењ омадааст низ, истифода шавад. Умуман, давлат њељ гоњ наметавонад истифодаи забонро манъ намояд, аммо дар асоси манфиати ќонунии љамъият метавонад истифодаи иловагии забони расмї ё забонњои давлатиро муќаррар кунад.

Мувофиќи мантиќи манфиати ќонунии љамъият, њар талаботе(њое), ки барои истифодаи забон аз тарафи давлат муќаррар шудааст(анд), бояд ба манфиати љамъияте, ки ба он хизмат расонида мешавад, мутаносиб бошад. Мутаносибияти њар талабот бояд бо меъёре муайян шавад, ки барои чунин талабот зарур аст. Њамин тариќ, масалан, дар вобастагї ба манфиати љамъиятии марбути њолат ва амнияти љои кор

давлат метавонад талаб намояд, ки дар корхонаи хусусї навиштаљотњо оиди чорањои эњтиётї бо забони расмї ё забонњои давлатї илова ба забони интихобкардаи корхона љой дода шаванд. Ба њамин тариќ, ба манфиати давлатдории дуруст, дар соњаи андозпардозї давлат метавонад, талаб намояд, ки ќолабњои њуљљатњои маъмурї дар забон ё забонњои давлатї пешнињод шаванд ва дар њолати тафтишот (аудит) аз тарафи маќомоти њокимияти давлатї њисобтњои дахлдор дар забон ё забонњои давлатї тањия шаванд; дар њолати охира зарур нест, ки кулли њисоботи корхонаи хусусї дар забон ё забонњои давлатї бурда шавад, танњо хароїот ба тарїумаи эњтимолии он аз њисоби корхонаи хусусї пардохта шавад. Ин бе зарар ба њуќуќњои намояндагони аќаллиятњои миллї ба истифодаи забонашон њангоми муносибатњо бо маќомоти маъмури чї хеле, ки дар моддаи 10(2) **Муоњидаи Меъёрии њифзи аќаллиятњои миллї** пешбинї шудааст, сурат мегирад.

## МАЌОМОТИ МАЪМУРЇ ВА СОХТОРЊОИ ДАВЛАТЇ

13/14/15) Давлатњои иштирокдори САЊА ўњдадоранд чорањоеро анїом дињанд, ки ба муњити динамикие, ки на танњо барои нигоњдории айнияти (аз љумла забонии) намояндагони аќаллиятњои миллї, балки барои рушду равнаќи онњо низ мусоидат кунанд. Дар натиїа, ин давлатњо ўњдадории эътироф кардани «њуќуќи иштироки воќеъии намояндагони аќаллиятњои миллиро дар корњои љамъиятї» мегиранд, ки дар банди 35 **Њуїїати Копенгаген** ќайд шудааст. Моддаи 10(2) **Муоњидаи Меъёрии оиди њифзи аќаллиятњои миллї** аниќ талаб мекунад, ки давлатњо «бояд имконияти истифодаи забонњои аќаллиятро дар муносибатњо бо маќомоти маъмурї фароњам оваранд». Банди 35 **Њуїїати Копенгаген** низ имконияти ба вуїуд овардани муњитеро, ки ба иштироки аќаллиятњои миллї дар корњои давлатї бо забони худ тавассути таъсиси «маъмуриятњои дахлдори мањаллї ё мухтор, ки ба шароитњои махсуси таърихї аз зисти муќимии аќаллиятњо дар чорчубаи сиёсати давлатњои дахлдор мувофиќат мекунанд», дар назар дорад. Моддаи 15 **Муоњидаи Меъёрї** давлатњоро ўњдадор месозад, ки «барои иштироки воќеии намояндагони аќаллиятњои миллї дар њаёти фарњангї, иїтимої ва иќтисодї, инчунин дар корњои давлатї, алалхусус дар масъалањое, ки ба онњо марбутанд, шароитњои зарурї муњайё кунанд». Ин муќаррарот маќомоти њокимияти давлатиро вазифадор мекунад, ки ба намояндагони аќаллиятњои миллї имконияти сару кор доштан бо

ҳукумати маҳаллӣ бо забони худ ё гирифтани сертификат ва шаҳодатномаҳоро ба забони худ муҳайё кунанд. Мувофиқи принсипи баробарӣ ва роҳ надодани табъиз, ин муқаррарот инчунин муносибатҳои динамикии умумиро дар назар дорад, ки дар он забон воситаи тараққиёфтаи мубодилаи афкор дар ҳаёти сиёсии маҳаллӣ ва дар ҳамкории байни шаҳрвандон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин дар таъмин намудани хизматрасонии давлатӣ, шуда метавонад.

Намояндагии этникии муассисаҳои маъмурӣ ва хизматрасонии аҳолӣ одатан аломати ҷамъияти плюралистӣ ва кушода мебошад, ки дар он ба табъиз роҳ дода намешавад. Бо мақсади аз байн бурдани оқибатҳои табъиз дар гузашта ё ҳоло дар дохили система мавҷуда, моддаи 2 **Муоҳидаи №111 Созмони Байналмиллалии Меҳнат оиди табъиз** ҳангоми бо кор таъминкунӣ ва шуғл талаб мекунад, ки давлатҳо «сиёсати миллиеро ба амал бароранд, ки ба… баробарии имконот ва муносибат ҳангоми ба кор таъминкунӣ ва шуғл барои барҳам додани ҳама гуна табъиз дар ин соҳа равона карда шавад».

Ҳангоми таҳия кардан ва иҷроиши барномаҳо ва хизматрасоние, ки ба аҳолӣ пешкаш мешавад, мувофиқи мақсад мебуд, ки давлатҳо ба принсипҳои дар боло зикршуда содиқ шуда, хоҳишҳои баёнкардаи намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла принсипи асоснокии шумораviro ба инобат гиранд. Дар он ҷое, ки ниёз изҳор шудааст ва шумораи намояндагони ақаллият зиёд аст, аз рӯи адолат мешуд, ки ба андозсупорандагоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ тааллуқ доранд, хизматрасонӣ дар забони худ дастрас бошад. Ин хусусан ба соҳаи тандурустӣ ва хизмати иҷтимоие марбут аст, ки ба сифати ҳаёти одамон бевосита ва комилан таъсир мерасонанд.

Мувофиқи принсипҳои баробарӣ ва роҳ надодани табъиз, мақомоти маъмурӣ бояд ба намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ба тариқи баробар ва ҷалбкунӣ ба ҳама соҳаҳо муносибат кунанд. Давлатҳо бояд воқеияти демографии минтақаҳои зери итоаташонро эътироф кунанд. Пеш аз ҳама, давлатҳо набояд ба хотири иҷро накардани ӯҳдадориҳояшон воқеияти демографии минтақаҳояшонро дигаргун созанд. Моддаи 16 **Муоҳидаи Меъёрӣ** давлатҳоро даъват менамояд, ки аз чораҳое, ки метавонанд худсарона таносуби аҳолиро дар минтақаҳои истиқомати намояндагони ақаллиятҳои миллӣ бо мақсади

маҳдудкунии ҳуқуқҳои ин ақаллиятҳо иваз кунанд, худдорӣ намоянд. Ин гуна чораҳо метавонанд аз мусодираи худсарона, кӯчондан, бадарға кардан, инчунин ивазкунии худсаронаи марзҳои маъмурӣ ва қаллобкориҳо ҳангоми барӯйхатгирии аҳолӣ иборат бошанд.

## МУАССИСАҲОИ МИЛЛИИ МУСТАҚИЛ

16) Ҳуқуқҳои инсон ҳамон вақт барои истифодабарандагони ин ҳуқуқҳо маънои воқеиро пайдо мекунанд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ воситаҳои истифодабарӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳоеро, ки дар созишномаҳо ва эъломияҳои байналмилалӣ ё дар қонунгузории дохилӣ кафолат дода шудаанд, ҷорӣ намоянд. Ҳамчун илова ба тартиби судии ҳалли баҳсҳо, муассисаҳои ғайридавлатии миллӣ худ чун сохторҳои зудамал ва на чандон қимат, ва бинобар ин қобили қабул, баромад карда метавонанд.

Мавҳуми табъиз, ки дар **Муоҳидаи оиди барҳам додани табъизи нажодӣ** омадааст, на ҳамчун меъёре муайян шудааст, ки танҳо нажодро дар бар мегирад. Моддаи 1(1) **Муоҳида** пешбинӣ кардааст, ки мафҳуми табъизи нажодӣ бояд маънои «ҳама гуна фарқият, истисно, маҳдудият ё афзалият дар асоси нажод, ранги пӯст, аслу насаб ё баромади миллӣ ё этникие, ки мақсад ё таъсир барои нест кардан ё кам кардани эътироф ё истифодаи баробари ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дорад» дошта бошад. Моддаи 6 **Муоҳида** эълон мекунанд, ки «давлатҳои иштирокдор бояд ба ҳар шахс, ки дар ҳудуди доираи ҳуқуқиашон аст, ҳифзи воқеӣ ва воситаҳои онро тавассути мақомоти салоҳиятдори миллии адлия ва созмонҳои дигари давлатӣ аз ҳар гуна табъизи нажодие, ки ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро бар хилофи ин Муоҳида вайрон мекунад…, кафолат диҳанд». Бо назардошти ин таъсис додани созмонҳои мустақили миллие, ки ҳамчун воситаи барқароркунии ҳуқуқ ё ҷуброн, ба монанди омбудсман ё комиссияи оиди ҳуқуқҳои инсон чорае мебошад, ки аз дараҷаи демократӣ ва плюралистӣ будани Давлат шаҳодат медиҳад. Дар ин муносибат ва мувофиқи **Қарори Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) 48/134 аз 20-уми декабри соли 1993, Шӯрои Аврупо дар Тавсияҳои Кумитаи Вазирон № Р(97)14 аз 30 сентябри соли 1997** таъсис додани «созмонҳои миллии ҳуқуқи

инсон, бахусус комиссияњои оиди њуќуќи инсон, ки аз љињати таркибии худ плюралистианд, омбудсменњо ё созмонњои монанд» тарафдорї намудааст. Ин гуна воситањои барќароркунии њуќуќ ба намояндагони аќаллиятњои миллие низ дастрас шаванд, ки аз нуќтаи назари онњо њуќуќи забонї ва дигар њуќуќњояшон поймол шудаанд.

## МАЌОМОТИ СУДЇ

17/18) Њуќуќи байналмиллалї талаб мекунад, ки маќомоти њокимияти давлатї ба њамаи шахсоне, ки њабс, айбдор шудаанд ва тањти тафтишот ќарор доранд, њуќуќи донистани айби эълоншуда, ва мурофиаи судиро дар забоне, ки онњо мефањманд, таъмин кунанд. Дар мавриди зарурї онњо бояд бо тарљумони бепул таъмин карда шаванд. Ин меъёри муќарраршудаи њуќуќи мурофиавии дар истифода умумие аст, ки на фаќат ба њуќуќњои забонии аќаллиятњои миллї вобастагї дорад. Аниќтараш, принсипњои асосї ин принсипњои баробарї ва роњ надодани табъиз дар назди ќонун мебошанд. Риояи ин принсипњо хусусан њангоми айбдоркунї ва тафтишот муњим аст. Дар натиљаи ин, моддаи 14(3)(а) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** талаб мекунад, ки њар касе ки дар содиркунии љиноят айбдор шудааст «зуд ва муфассал бо забони ба ў фањмо дар бораи намуд ва асоси айбдоркунии ў маълумот гирад». Моддаи 6(3)(а) **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** айнан њамин гуна талаботњоро айнан бо њамин ибора пешбинї кардааст. Ѓайр аз ин моддаи 5(2) Муоњидаи дар боло зикршуда њамин талаботро нисбати њабс пешбинї кардааст. Ѓайр аз ин моддаи 14(3) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** њуќуќи њар як шахсро ба «…тањќиќ ё донистани далелњои бар зидди ў пешнињод шуда, њамчунин пешнињод намудани далелњо ба фоидаи худ ва талаб намудани тањќиќи онњо «дар баробарии пурра» бо далелњои бар зидди ў пешнињодшуда кафолат медињад». Барои ин, Моддаи 14(3)(f) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** ва Моддаи 6(3)(е) **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсо**н кафолаи њуќуќи њар касро «барои кўмаки бепули тарљумон дар мавриди нафањмидани забоне, ки дар мурофиаи судї истифода мешавад, ё сухан ронда натавонистан дар он», медињанд. Дар њолате, ки ин кафолатњои махсуси истифода бурдани забон айнан дар вобастагї бо мурофиањои љиноятї пешбинї шудаанд, аз кафолати асосии баробарї

дар назди судњо ва трибуналњо бармеояд, ки тавре ки дар љумлаи якуми моддаи 14(1) **Паймони Байналхалќї доир ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї** пешбинї шудааст, њар гуна амалиёти мурофиавї њамон дараља боадолатона баррасї мешаванд, ки шарту шароитњо дар баробарии мутлаќ риоя шуда бошанд. Ин муќаррароте, ки ба интихоби забони умумии дар раванди адолати судї истифодашаванда вобастагї дорад, бояд Давлатро ба тањияи сиёсати худ оиди баробарї ва самарнокии адоалти судї водор кунад.

Дар Моддаи 7(1) **Муоњидаи Аврупо оиди њифзи њуќуќ ва озодињои асосии инсон** таври умумї эълон карда мешавад, ки Давлатњо бояд сиёсат, ќонунгузорї ва таљрибаашонро ба чунин маќсадњо ва принсипњо мувофиќ кунонанд, монанди «эътироф кардани забонњои минтаќавї ва забонњои аќаллият њамчун ифодаи боигарии фарњанг…» ва «зарурати ќабул намудани чорањои устувор љињати рушди забонњои минтаќавї ё аќаллият барои нигоњдории онњо». Дар Моддаи 7(4) **Оинномаи (Хартияи) Аврупо** пешбинї шудааст, ки «њангоми муайян кардани сиёсати худ оиди забонњои минтаќавї ё аќаллият.. давлатњои узв бояд ниёзњо ва хоњишњоеро ба инобат гиранд, ки аз тарафи гурўњњои истифодабарандаи ин забон изњор шудаанд». Ѓайр аз ин, Моддаи 15 **Муоњидаи Меъёрї** Давлатњоро ба «фароњам овардани шароитњое, ки барои иштироки самараноки намояндагони аќаллиятњои миллї дар њаёти фарњангї, иљтимої, иќтисодї ва дар корњои љамъиятї, хусусан онњое, ки ба онњо дахл дорад, заруранд» даъват менамояд. Агар кас ба меъёрњои дар боло зикршуда бо назардошти ањамияти дастрасии самараноки адолат дар љамъиятњои демократї назар кунад, мувофиќи маќсад мешуд, ки Давлатњо ба ќадри имкон ба намояндагони аќаллиятњои миллї барои баён кардан ба забони худ дар кулли марњилањои раванди тафтишоти судї (љиноятї, шањрвандї ё маъмурї), бо эътирофи њуќуќњои дигарон ва риояи комилоти мурофиањои судї, аз љумла тавассути маќомоти мурољиати шикоятї шароит фароњам оранд.

19) Азбаски дастрасии адолат барои истифодаи њуќуќи инсон муњим аст, дараљаи иштироки бевосита ва осон (бемонеа) дар мурофиањои мављуда – меъёри муњими чунин дастрасї мебошад. Мављудияти мурофиањои судии бо забони намояндагони аќаллиятњои миллї амалкунанда, барои чунин шахсон дастрасии адолатро бевосита ва осон мекунанд.

Дар ин асос, Моддаи 9 **Оинномаи (Хартияи) Аврупо оиди забонњои минтаќавї ё аќаллият** пешбинї намудааст, ки ба дараљаи иљрошаванда ва мувофиќи дархости яке аз љонибњои зарардида, кулли амалиёти мурофиавї дар забони минтаќавї ё забонњои аќаллият гузаронида шаванд. Ассамблеяи Парлумонии Шўрои Аврупо дар Моддаи 7(3) **Тавсияњои №1201** худ айнан ба њамин хулоса омад, ки дар «минтаќањои истиќомати зичи ягон аќаллияти миллї, намояндагони аќаллиятњои миллї барои истифода бурдани забони худ њангоми тамос бо роњбарияти расмии маъмурї ва дар мурофиањои судї ва маќомоти њуќуќї њаќ доранд». Аз ин рў давлатњо бояд сиёсати дахлдори ба кор љалбнамої ва таълимро барои кор дар соњаи адлия гузаронанд.

## МАЊРУМКУНЇ АЗ ОЗОДЇ

20) Ќоидаи 51, бандњои 1 ва 2 **Ќоидањои Минималии Меъёрии Созмони Миллали Муттањид оиди муносибат ба мањбусон**, монанди Ќоидаи 60, бандњои 1 ва 2 **Ќоидањои Аврупоии оиди мањбасхонањо**, ки **Шўрои Аврупо** ќабул кардааст, ањамияти њуќуќњои мањбусонро барои фањмидани маъмурияти мањбас ва фањмо будан барои он ќайд мекунанд. Ин муќаррарот махсус ба њуќуќњои аќаллият дахл надоранд. Аммо бо назардошти хоњиши баёншудаи ањолии дахлдор, шумораи онњо ва Принсипи баробарї ва пешгирии табъиз истифодаи ин муќаррарот дар минтаќањо ё мавзеъњои истиќомати зичи намояндагони аќаллиятњои миллї њатман зарур аст.

21) Ќоидаи 37 **Ќоидањои Минималии Меъёрии Созмони Миллали Муттањид оиди муносибат ба мањбусон**, инчунин Моддаи 43(1) **Ќоидањои Аврупоии оиди мањбасхонањо**, ки **Шўрои Аврупо** ќабул кардааст, њуќуќи мањбусонро ба тамос гирифтан бо оилањояшон, рафиќони дар љамъият шинохта ва шахсон ё намояндагони ташкилотњои беруна тарафдорї мекунад. Бо назардошти муњимияти њуќуќњои инсон мисли озодии баён ва њуќуќи истифода бурдани забон дар њаёти љамъиятї ва шахсї, вазифаи давлат – эњтироми ин њуќуќњо дар доираи мањдудиятњои дар ќонун пешбинишуда њатто дар муассисањои ислоњотї мебошад. Аз рўи ќоида, мањбусон бояд имконияти бо мањбусони дигар ва хабаргирон бо забони худ њам ба

таври шифоњи ва њам тавассути мукотибаи хусусї мубодилаи афкор карданро дошта бошанд. Бо вуљуди он, як ќатор њуќуќ ва озодињои шахсоне, ки барои амалиёти љиноятї дастгир шудаанд, метавонанд мувофиќи мањдудиятњои ќонунии дар асноди байналмиллалї пешбинишуда, бо маќсади таъмин намудани амнияти љамъиятї мањдуд ё боздошта шаванд. Њамчун мисоли амалии истифодаи њуќуќњои забонии мањбусон, нигоњ доштани онњо дар љойњое шуда метавонад, ки забонашон дар он љо бештар истифода бурда мешавад.